# БА ПЕШ!

## МАҚОЛАИ МАСЕҲӢ БАРОИ НАВРАСОН



**Навраси азиз!**

Шояд якум бор бошад, ки ту вақт барои хондани Каломи Худо (яъне Китоби Муқаддас) ва барои дуо кардан ҷудо мекунӣ. Китоби Муқаддас китоби оддӣ нест. Ин Сухани Худо мебошад. Хушхабари Худо ба ту ҳам дахл дорад, зеро ки Худо шахсан ба ту навигарие дорад, ва дар ҳамон Китоб ба ту нақшаи Худро нишон медиҳад.

Дар Забур мо мехонем, ки "Сухани Худо аз ҳазорон тангаи тиллоӣ қиматбаҳотар мебошад." Ҷӯяндаи ин ганҷ шудан мехоҳӣ?

Ин дафтар мехоҳад барои ин кор ёрдам диҳад.

Мо барои ту ҳангоми хондани Каломи Худо шодӣ хоҳонем.

Муаллимҳои мактаби якшанбегӣ



## Баъзе монеъҳои хондани Китоби Муқаддас:

**Ман ҳамту намехоҳам**

Хӯрок хӯрдан ба бадан зарур аст, бинобар ин мо барои хӯрдан маҷбур ҳастем, ҳатто вақти иштиҳо набошад. Ҳамин тавр, рӯҳи мо мӯҳтоҷи Сухани Худост, бинобар ин одат кун, ки доим хонӣ, агар ҳозир майл дорӣ ё не.

**Ман вақт надорам**

Росташро гӯй: Барои Худо вақт ҷудо кардан намехоҳӣ. Шайтон хондани моро нағз намебинад, чунки вай медонад, ки мо мисли сарбоз дар ҷанг аз ин хониш қувват мегирем. Барои худат ин ёрдам мебошад, ки ҳар рӯз дар лаҳзаи муайян Китобро мехонӣ.

**Бисёр чиз барои ман нофаҳмо аст**

Ҳангоми хондан назди порчаи нофаҳмо бо қалам нишони савол гузарон. Дар тӯли вақт ин нишонҳо кӯр мекунӣ, зеро бисёртар фаҳм пайдо мекунӣ. Аз пурсидани имондорони дигар шарм надор.

*Ман ҳоло бисёр* чиз ҳоло медонам ва навигарие нест

*Каломи Худо сухани зинда аст. Худо аниқ* медонад, кай кадом насиҳат даркор мешавад ва инро ба ту дар вақти хондан мегӯяд. Имондороне ҳастанд, ки аз сад бор зиёд Китобро хонданд – оё аз онҳо бисёртар медонӣ?



# ЧӢ ТАВР КИТОБИ МУҚАДДАСРО БОЯД ХОНД?

1

**Дуо кун,** то Худо ба ту ёрдам диҳад, ки Сухани Ӯро бифаҳмӣ.



Матни номбаршударо дар Китоби Муқаддас **бихон.**



2

3

Дар бораи матни хонда **фикр кун.** Шарҳи ин дафтар ва саволҳои поён ба ту ёрдам медиҳанд:

А. Дар матни Навиштаҷот чизе дар бораи Худо Падар, Исо Масеҳ ё Рӯҳулқудс пайдо мекунӣ?
Б. Намунаи хуб ё бад нишон дода мешавад?
В. Дар матн огоҳӣ, ваъда ва ё фармон маълум мешавад?




4

Он оят ва ё фикреро, ки ба ту аз ҳама бисёр муҳим шудааст**, ҷустуҷӯ кун.** Вайро ба дафтаре бинавис, то ки зуд фаромӯш нашавад.



5



**Дуо кун** ва Худо ба он чизе ки ӯ ба ту гуфтааст, ҷавоб деҳ. Барои гуфтугӯи Ӯ шукр кун ва аз Ӯ илтимос кун, ки суханашро ба ҷо оварда тавонӣ.

# РӮЗИ 1

1 Аз Худованд бипурс, ки Ӯ ба ту ёрдам диҳад, то Каломи Ӯро (яъне Суханашро) бифаҳмӣ. Дар Забур, дар таронаи118-ум, ояти 18 мо мехонем: “Чашмони маро воз кун, то ки аз Тавроти Ту корҳои аҷоиб бубинам”.

2 **Маркӯс 5:21-24; 35-43**
Имрӯз мо дар Инҷили Маркӯс боби панҷум, оятҳои 21 то 24 ва 35 то 43-ро мехонем.

3 Акнун ба саволҳои дар саҳифаи сеюм, пункти сеюм, ҷавоб бидеҳ. Дар бораи Исои Масеҳ дар ин ҷо бисёр навишта шудааст. Масалан, он ки мардуми бисёре назди Ӯ ҷамъ шуданд (ояти 21), ва он ки Ӯ ба илтимоси Ёир розӣ шуд (ояти 24), ва ба Ёир дилбардорӣ мекунад ва он ки Худованд Исо қудрат бар марг дорад (ояти 41, 42). Як хел одамони дар ин порча номбаршуда шахсоне ҳастанд, ки намунаи хуб мебошанд. Вале ин матн инчунин ононеро, ки намунаи бад мебошанд, нишон медиҳад. Онҳоро пайдо мекунӣ?
Аввал худат фикр кун, баъд шарҳи ин дафтарро бихон.

4 Баъд аз ин андеша кун, ки Худованд ба ту чӣ гуфтан мехоҳад. Як дафтари махсус барои ин кор истифода бар. Имрӯз, масалан, навишта метавонистӣ, ки “натарс, фақат имон овару бас”, чунки ин барои худат дилбардорӣ мебошад (ояти 36). Ва ё фикри он ки “Исои Масеҳ ҳамаашро ба ҷо оварда метавонад. Ӯ ҳатто аз марг пурзӯртар аст” менависӣ.

5 Худованд Исо! Ту пурзӯр ва тавоноӣ. Ташаккур барои ҳамаи он чи ман дар ин порча имрӯз дар бораи Ту фаҳмидам. Ман мисли Ёир бовар карданро ёд гирифтан мехостам. Ба ман ёрдам расон. Омин”.




## РӮЗИ 2

**Маркӯс 5:25-34**

Барои он зани беумед танҳо Исо наҷот мебошад. Фақат Ӯ вайро шифо дода метавонад. Ва дар ҳақиқат: имонаш бесамар (бе мева) намемонад.
Ин зан медонад, ки наздик буданаш ба Худованд Исо чӣ қадар муҳим ва шифобахш аст.
Гоҳ вақт маҷбурем, ки пеши Худованд ба зӯр расем. Ё ташвиш ё дӯстони бад ё зиқӣ моро дар роҳ ҳамчун он мардум гирди Исо монеъ мебошанд. Аммо хондани Китоби Муқаддас, дуо кардан ва мушорокат (якҷоягӣ) бо имондорони дигар меарзад ва моро ба Исои Масеҳ наздик меоварад.

## РӮЗИ 3

**Маркӯс 6:1-6**

Исои Масеҳ дар Носира мӯъҷизаҳо карда наметавонад. Беимонии мардум барои ин сабаб шуд.
Бихон, ки мардум бо кадом баҳона муқобилияташонро нишон доданд (3).

Ояти 5 ин ҳодиса андӯҳгин тамом мешавад: *Исо дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист.* Оё ин гоҳ вақт дар замони мо ҳам мешавад?

## РӮЗИ 4

**Маркӯс 6:7-13**

Исо шогирдонро ба воситаи таҷрибаашон таълим додан хост. Ӯ ба онҳо қудрат бар қувваҳои нонамоён ва касалиҳо медиҳад (7 + 13). Ин нишонаҳо бояд барои одамон даъват ба ............................ бошад (12).

Фармонҳо аввал бераҳмона метобанд. Барои чӣ ба шогирдон гирифтани пул, тӯрба (= борхалта), нон ва куртаи дуюм манъ карда мешавад? Онҳо бояд ёд гиранд, ки дар тамоми эҳтиёҷ ба Худованд таваккал кунанд, инчунин ҳам дар кори ҳаррӯза. Ба ҳар ҳол барои шогирдон ин таҷриба бисёр фоида дошта, онҳо фаҳмиданд, ки Худо ба мо ғамхорӣ мекунад.
Ту ба чӣ такя мекунӣ? Ба Худо боварӣ дорӣ, ки Ӯ дар ҳама кор барои ту ёрдам додан мехоҳад?

## РӮЗИ 5

**Маркӯс 6:14-20**

*Дар ояти 14 ва 15-ум фикрҳои халқро меёбӣ. Чӣ гуна мебошанд? Онҳоро пайдо кун (3 ақида).*
Ҳиродус аз барои чӣ тарсид, ки Исо шояд Яҳёи Таъмиддиҳанда мебошад?
Барои чӣ инсофаш ӯро азоб дод?



17-20: Дар ин ҷо маълум мешавад, ки Ҳиродус дуфикра буд. Аз як тараф Яҳё ба вай маъқул шуд, аз тарафи дигар вай розӣ нашуд, ки ин марди Худо ба зиндагияш халал расонад. Мо барои насиҳати Худо тайёр ҳастем?

Юҳанно марди далер буд. Ҳатто аз зидди подшоҳ чизеро гуфтан наметарсид, чунки донист, ки ин мувофиқи хости Худост.
Дар бораи ҳаёти
Илёс (15) дар 4Подшоҳон, боби 4, хонда метавонӣ.

## РӮЗИ 6

**Маркӯс 6:21-29**

Кошки подшоҳ пеш аз кушодани даҳон боз фикр мекард. Вай макри занашро интизор набуд. Бо вуҷуди он вай эътибори худро пеши мардум аз ҳаёти Яҳё муҳимтар донист.

Рафтори Ҳиродусро хор дидан даркор аст. Аммо ба худ нигоҳ кунем, мефаҳмем, ки мо ҳам барои номи худ бисёр вақт беинсофӣ мекунем.

Ба шогирдон оқибати ғамангези Яҳё сахт расид. Ин ҳақиқатан адолати Худост? Ҳоло мири ин ҷаҳон, ки шайтон мебошад, ҳукмронӣ мекунад.

## РӮЗИ 7

**Маркӯс 6:30-34**

Шогирдон хеле ҳодисаҳоро аз сар гузаронида, ба Исои Масеҳ баргаштанд. Аммо Ӯ чашни тантанаро пешниҳод намекунад, балки бо шогирдон ба ҷои беодам рафт. Ту дар танҳоиву оромӣ тоқат мекунӣ? Афсӯс, ки бисёриҳо ба овози телевизор ё радио одат карда, бе ин садо зиндагӣ карда наметавонанд. Бидонем, ки Худо вақтҳои хомӯширо истифода бурдан мехоҳад, то ки мо боз ором шавем ва вақт барои фикр кардан дошта бошем.



## РӮЗИ 8

**Маркӯс 6:35-44**

Шогирдон дар ин ҷо ба масъалаи калон рӯ ба рӯ мешаванд.
5000 мард ва ҳам занону бачаҳоро бо панҷ нон ва ду моҳӣ хӯрондан имконнопазир метобад.
Баъзе мардум хаёл мекунанд, ки ин ҳодиса ҳамту афсона аст. Онҳо розӣ нестанд, ки чизе ки ғайрифаҳм мебошад, воқеъ шуда метавонад. Аммо чӣ тавр ба Худои Офаридгор чизе номумкин мебошад, дар сурате ки Ӯ соҳибқудрат мебошад?
Исо Масеҳ барои эҳтиёҷоти мардум ғам мехӯрад. Ӯ на танҳо таълим додан мехоҳад, баръакс, Худованд Исо инчунин барои эҳтиёҷи ҷисмонӣ ғамхорӣ мекунад. Ва мо чӣ?

---

Ояти 37: “динор” (тангаи нукраи румӣ) ба музди якрӯза баробар карда мешавад. Шогирдон ҳисоб карданд, ки тақрибан 8 маоши моҳона барои хариди хӯрок мерафт.



## РӮЗИ 9

**Маркӯс 6:45-56**

Ояти 45-52: Баъд аз он ки Худованд Исо нонро зиёд кард, Ӯ ба ҷои беодам рафт ва дуо кард. Мумкин Ӯ барои ин мардум дуо кард, ва ё барои он ки шогирдон чизе дар бораи Худо ёд гиранд.
Гоҳ вақт Худо иҷозат медиҳад, ки дар зиндагиямон боди мухолиф мевазад ва мо бемаҷол (беқувват) мешавем – вазъияти душвор, вазифаи мушкил ва ғайра. Мо дар он лаҳзаҳо интизори Исо ҳастем?
Ояти 52-ро хон: Бисёр вақт Худованд Исо Худро бо ягон тарз нишон медиҳад. Дили мо тайёр аст, то мо фаҳм пайдо кунем, ки Исо Масеҳ кист.
Ояти 53-56: Тамоми шаб (48) шогирдон қаиқро ронда, монда шуданд. Ва рӯзи пеш ҳам серкор буданд. Акнун ба канори дигар расида, чӣ карданд? Устодашон ва худашон кори бисёр карданд. Ту ҳам вақте монда ҳастӣ, дар хона ёрдам медиҳӣ?

## РӮЗИ 10

**Маркӯс 7:1-13**

Дубора маълум мешавад, ки Исо зидди қоидаву қонун гап намезанад; Ӯ Ишаъё набӣ (6) ва Мусоро (10) зикр мекунад. Худованд Исо намехоҳад, ки мо аҳкомро (шариат) таҳриф кунем (гапро чаппа кунем)(11+12). Агар ин тавр кунем, онҳо маъноящонро гум мекунанд.
Исои Масеҳ тафсири аҷоиби роҳбарони диндорро фош мекунад. Оятҳои 3-5: Чизҳои рӯякӣ, ба пеши назари одам тез ошкор мешавад, онҳо сахт риоя мекарданд. Оятҳои 9-13: Чизҳои ба Худо қурбонкардаро танҳо барои худ истифода бурдан мумкин буд, аммо на барои волидайн. Ин тавр онҳо аз ҷавобгарии ғамхории падару модар халос шуданд.
Ояти 6: Дар замони хозираи мо ин рӯй медиҳад?

## РӮЗИ 11

**Маркӯс 7:14-23**

Оят 14-15: Танҳо Исои Масеҳ ин қадар аниқ ва оддӣ сухан гуфта тавонист. Ҳеҷ кас ба вай ҷавоб дода наметавонад. Гап дар бораи чист?



Имонро бо маросимҳо ё иҷро кардани қоидаи хӯрок чен кардан мумкин нест, балки дар сухану амали мо маълум мешавад.
Ояти 17-23: Хӯрок ба бадани мо қувват мебахшад. Ин ба муносибати мо бо Худо таъсир намекунад, балки фикрҳо, сухан ва амалҳои мо. Исои Масеҳ ҳамаашро рӯйрост мегӯяд. Ӯ ангуштащро ба хатоҳои мо дароз мекунад. Аммо – Худоро шукр – дар он ҷо манъ накардааст. Ӯ барои мо ба воситаи салиб роҳ кушод, то ки мо аз гуноҳҳоямон халос шуда тавонем.

## РӮЗИ 12

**Марқӯс 7:24-30**

Исо пинҳон шуда натавонист. Зани юнонӣ дар бораи Ӯ шунид. Исо Масеҳ умеди охирин мебошад.
†авоби Исо вайро ба ҳайрат овард. Ӯ махсус будани халқи Исроилро таъкид мекунад, ва шояд ин тавр имони он занро месанҷад.
Аҷоиб: Ин зан сухани Ӯро фаҳмида, қабул мекунад ва хоксорона дубора ёрдам мепурсад (27). Ин боварӣ ба Масеҳ беҷавоб намемонад. Ӯ мадад мерасонад. Инчунин имрӯз Ӯ ёрӣ медиҳад. Ту ба ӯ ҳама мушкилиятро вогузоштан мехоҳӣ?

---

Сагон (27): Номе буд, ки яҳудиён барои ғайрияҳудиён истифода мебурданд.



## РӮЗИ 13

**Марқӯс 7:31-37**

Декаполис (31): итифоқи даҳ шаҳр, ки юнониён сокин буданд. Ин ҳудуд дар тарафи шаркии Урдун воқеъ аст.
Исо ба одами кар шифо мебахшад. Он кас суханро шунида наметавонад, бинобар ин Исо гӯшҳо ва забонашро ламс мекунад. Худованд Исо ин тарз амал мекунад, ки мо ӯро фаҳмем.
“Ба дурустӣ сухан гуфт” нишон медиҳад, ки вай айнан гунг набуд, балки аз ба хотири он ки Ӯ намешунид, гап зада наметавонист.
Исо аз барои чӣ нахост, ки хабари шифо ёфтанаш паҳн шавад? Вазифаи асосии Масеҳ он буд, ки Ӯ Худро ба халқ ҳамчун наҷотдиҳанда нишон диҳад. Ӯ хост, ки мардум тавба кунанд, на ин ки, онҳо ҳангоми дидани мӯъҷиза чапак зананд.

# РӮЗИ 14

**Маркӯс 8:1-9**

Худованд Исо ба 4’000 одам хӯрок медиҳад. Дар баъзе пунктҳо ин ҳодиса ба воқеаи гузашта (боби 6) монандӣ дошта бошад, ин ду ҳикоя гуногун мебошанд. Аҳамият деҳ, ки чӣ фарқ мекунад:

Ояти 2: Мардум дар ин ҷо хеле зиёдтар нишаста гӯш карданд. Исо ба онҳо хӯрок дод, зеро дилаш месӯхт. Ӯ нахост, ки халқ дар роҳ ба хонаҳояшон бемадор шавад.
Ояти 4: Он 5’000 нафар дар алаф нишастанд, вале дар ин боб мардум дар замини қоқ ҷамъ шуданд .
Ояти 5: Он дафъа бачае хӯрок ба Исои Масеҳ пешкаш карда буд, ин дафъа бошад шогирдон чизи хӯрданӣ доштанд. Инчунин микдори нону моҳӣ
гуногун буд.

Худоро дар асоси ақли мо исбот кардан намешавад. Ҳузури Ӯро танҳо бо дили ба воситаи Рӯҳулкудс равшан кардашуда фаҳмида метавонем.

# РӮЗИ 15

**Маркӯс 8:10-13**

Матни рӯзҳои гузаштаро аз назар гузарон. Маълум аст, ки Исо чандин бор Худро пурқувват дар мӯъҷизаҳо нишон дод, аммо ба фарисиён ин қифоя набуд. Боз як аломати дигар аз Ӯ талабиданд. Ба фикри ту, Исои Масеҳ аз барои чӣ мӯъҷизае кардан нахост?

Исо мӯъҷизаро ҳеҷ вақт ҳамчун бозӣ суиистифода намебарад. Ҳам дар замонамон мо ҳуқуқ надорем, ба Худованд фармон диҳем, ки мӯъҷизае кунад.



## РӮЗИ 16

**Маркӯс 8:14-21**

Оё Ҳиродус ва фарисиён тарзи махсуси нонпазӣ доштанд? Магар хамиртуруши онҳо заҳрнок буд? Шогирдон бо ин хел фикрҳои гуногун машғул шуданд. Аммо Худованд Исо бо рамз гап мезанад, чунки чизеро тасвир кардан мехоҳад. Дар Инҷили Маркӯс маълум намешавад, ки Исо ба воситаи рамзи хамиртуруш аз чӣ огоҳӣ медиҳад. Вале дар Инҷили Луқо мо мебинем, ки Ӯ дар бораи риёкорӣ, яъне дурӯягии фарисиён сухан меронад (Луқо 12:1).
Шогирдон аз барои чӣ хабари Ӯро нафаҳмиданд?

Ояти 17: Оё то ҳол ....................
..................................................?

Ба худ низ ин саволро бидеҳ.



## РӮЗИ 17

**Маркӯс 8:22-26**

Касоне кӯрро пеши Исо оварданд, то ки чашмонаш бино шаванд. Мумкин имондороне моро низ дар дуо пеши Худо меоваранд. Ва шояд ту худат инчунин одамеро назди Исо меоварӣ, то ки ӯ дар дилаш "бино" шавад.
Бин, чӣ тавр Исо он кӯрро шифо медиҳад: аввал дасташро мегирад ва аз қасаба (деҳааш) берун меоварад ва туф карда, чашмонашро ламс мекунад.
Вақте ки ту ба Масеҳ наздик мешавӣ, Ӯ низ аввал роҳбари зиндагият шудан мехоҳад. Баъд туро ба он ҷо мебарад, ки барои ту ҷои беҳтарин мебошад.
Туф карданаш боз нишон медиҳад, ки Худованд ин тавр ба вай шифо дод, ки ӯ инро ҳис карда тавонист (мисли бо кар дар 7:33).
Ба он шифоёфта Исо мегӯяд, ки вай ба ҳеҷ кас дар ин бора гапназанад. Аммо ба ту Исо кадом фармон медиҳад?

## РӮЗИ 18

**Маркӯс 8:27-30**

Дар охирин варақҳои Китоби Муқаддасат харитаҳо ҳастанд. Фаластин ном харитаеро пайдо кун ва шаҳри Қайсарияи Филиппусро ёб. Ин ҷое дар шимоли Исроил аст. Шояд Худованд Исо пеш аз уқубат кашиданаш дар Ерусалим танҳоиро ҷӯстуҷӯ мекунад.
Аввал Исо мепурсад, халқ умуман дар бораи Ӯ чӣ мегӯяд. Баъд Ӯ айнан донистан мехоҳад, ки шогирдон Ӯро кӣ хаёл мекунанд. Худо ҳам аз ту мепурсад:“Ту Маро кӣ мегӯӣ?”
†авоби Петрус бисёр аниқ аст. Ӯ фаҳмид, ки Исо кист. Петрус бисёр гарм ва барои ҳар хизмат тайёр буд, лекин то даме ки вай на танҳо дар сухан, балки низ дар амал асбоби бовафои Масеҳ буда тавонист, аз сараш ҳоло бисёр ҳодисаҳоро гузаронид.

---

*Масеҳ (29)* номе нест, балки унвон аст бо маънои он ки Ӯ ҳамчун подшоҳ ва саркоҳин масҳ карда шуд (яъне бар сараш равған молида шуд).

## РӮЗИ 19

**Маркӯс 8:31-33**

Тасаввур кун, ки Петрус худро чӣ тавр ҳис кард. Ҳамон Петрус ки андаке пештар эътироф кард, ки Исо Масеҳ мебошад, ҳозир насиҳат карда мешавад. Худованд ҳатто “эй шайтон, аз ман дур шав” мегӯяд. Бисёр вақт шайтон онро истифода мебарад, ки мо бо кори дурустамон шод шавем, то ки мо дар бораи худ ҳавобаландона хаёл кунем.
Ҳангоми таърифе доим ба Худо шукр гӯй ва ба ёд овар, ки ту бе Ӯ ҳеҷ чиз карда наметавонистӣ.
Ояти 31: Ин бори аввал аст, ки Исо дар бораи вазифааш ба шогирдон сухан меронад. Калимаи “бояд” нишон медиҳад, ки ин уқубат дар салиб мувофиқи нақшаи Худост.
Ояти 33: Мурочияти Исо ба Петрус сахт аст. Шайтон дилсӯзии Петрусро суиистифода бурдан хост, то Исоро аз роҳи рост бароварад. Дар ин оят маълум мешавад, ки ҳиссиёт набояд роҳбарӣ кунанд, чунки онҳо моро фиреб мекунанд.

## РӮЗИ 20

**Маркӯс 8:34-38**

Сухани Исо шунавандагонро метарсонад. Салиб – асбоби куштори даҳшатангез!



Касе ки пайрави Худованд Исо будан мехоҳад, бояд ҳама чизи дигарро хор бинад. Ин маъно дорад, ки мо худамонро сад фоиз ба Ӯ месупорем, ва ҳеҷ чизро дареғ надорем. Вале бидон, ин чандин маротиба меарзад.

Агар ту танҳо барои зиндагии ширину беташвиш кӯшиш мекунӣ, дар охир пушаймон ҳастӣ, чунки ҷонатро гум мекунӣ.

Мо бояд тайёр бошем, ки пеши мардум Ӯро ҳамчун Худованду Наҷотдиҳандаро эътироф кунем.




## РӮЗИ 21

**Маркӯс 9:2-8**

Аз он рӯзе ки Исои Масеҳ дар бораи уқубат кашиданаш сухан гуфт, шаш рӯз гузаштанд. Ба ҳар ҳол шогирдонаш зиқ буданд. Дар он вазъият Ӯ онҳоро ба кӯҳ мебарад.

Ҳангоми дуо рӯи Исо дигаргун мешавад. Петрус ин воқеаи пуршукӯҳро ҳеҷ вақт дигар аз хотираш набаровард (2Петрус 1:16-18).

Инчунин Худо мехоҳад Худро ба ту ҳангоми дуо кардан ва Китоб хонданат нишон диҳад. Ӯ мехоҳад, ки ту фаҳмидӣ, ки Ӯ ба ту наздик аст ва Ӯ пурзӯр ва хуб аст.

Ояти 2: Ин се шогирд аз ҳама бисёртар ба Исо наздик буданд.

Ояти 7: Абр рамз барои ҳузури Худо аст (Хуруҷ 16:10).

Ин дафтар ба наврасон (то 17 сола) барои хондани Китоби Муқаддас ёрдам мерасонад.
Дар байни 21 рӯз як қисми Инҷили Марқӯс фаҳмонда мешавад.